# ТАРЗҲОИ ТАНЗИМ НАМУДАНИ POWERPOINT

Барномаҳои системаи амалиётии Windows ба корбар имконият медиҳанд, ки вай мувофиқи табъу завқи худ намои равзанаҳоро ба танзим орад ва барои худ муҳити кории (интерфейс) мувофиқ ва роҳат созад.

Ба танзим овардани барнома маънои онро дорад, ки шакли зоҳирии равзанаи барнома ва маҷмӯи афзорҳои бандҳои менюи он тағйир дода мешаванд. Дар барномаи намойишсози PowerPoint низ чунин имконият вуҷуд дорад. Дар он раванди танзим хеле осон ва ҳатто худкор ташкил карда шудааст.

Интихобҳои (параметрҳо) кории PowerPoint-ро бо ёрии банди **Парвандаи** меню ва зербанди **Интихобҳои** он ба танзим овардан мумкин аст. Пас аз пахши тугмаи 

дар экран равзанаи робитавии **Интихобҳои PowerPoint** (Параметы PowerPoint - Options PowerPoint) пайдо мешавад.




Равзанаи робитавии **Интихобҳои PowerPoint** аз ду қисм иборат аст: номгӯйи бандҳои интихоб (тарафи чап) ва интихобҳо ё афзорҳои танзимшавандаи ба банди мушаххас тааллуқдошта (тарафи рост). Бандҳои интихобҳои PowerPoint ҳамчун **Умумӣ** (Общие), **Имлосанҷӣ** (Правописание), **Сабткунӣ** (Сохранение), **Забон** (Язык), **Иловагӣ** (Дополнительно), **Танзими тасмаи афзорҳо** (Настройка ленты), **Лавҳаи дастраси фаврӣ** (Панель быстрого доступа), **Болосохт** (Надстройка) ва **Маркази идораи амният** (Центр управления безопасностью) номгузорӣ шудаанд.

Ҳангоми фаъол будани равзанаи робитавии интихобҳо ҳамчун пешфарз ҳамеша банди **Умумии** он кушода (расми болоӣ) мешавад. Интихобҳои ин банд муҳити умумии кории PowerPoint-ро ба танзим меоранд. Масалан, бо ёрии интихобҳои он ҳангоми иҷрои амали

чудокунӣ минилавҳаи афзорҳоро намудор ё ноаён гардонидан, воситаи азназаргузаронии динамикиро фаъол ё ғайрифаъол гардонидан, тавассути схемаи рангии барнома ранги пойгоҳии равзанаро муайян кардан ва дигар амалҳои хусусияти умумидоштаи барномаро ба танзим овардан мумкин аст.




Зербандҳои банди **Имлосанчи** равзанаи робитавии интихобҳо барои танзими интихобҳои худбадалкунӣ (худивазкунӣ), худтасҳеҳкунӣ, худимлосанчӣ, форматбандии матн, истифодаи луғатҳо ва дигар амалиёти вобаста ба корбурди матнҳо пешбинӣ шудаанд. Масалан, ҳангоми интихоби зербанди **Параметрҳои худбадалкунӣ**, яъне **Парванда▶Интихобҳо▶Параметрҳои худбадалкунӣ** (Файл▶ Параметры▶Параметры автозамены) равзанаи махсуси дигаре фаъол мегардад, ки он низ, дар навбати худ, аз якчанд зербанд иборат аст. Тугмаҳои қабатии ин равзана барои иваз намудани рӯйхати параметрҳои он хизмат мерасонанд. Намуди мазкури дар расм овардашудаи равзана хоси тугмаи қабатии **Худбадали** он мебошад. Дар ин маврид равзана ба корбар имконият муҳайё месозад, ки вай тугмаҳои худбадалкуниро намудор ё ноаён гардонад, ғалатҳои тасодуфии калимаҳои матнро ба таври худкор ислоҳ намояд (масалан, ҳарфи якуми ҷумларо ба ҳарфи калон табдил диҳад, аз ду ҳарфи калони ибтидоии калима ҳарфи дуюмашро ба хурд иваз намояд), баъзе тугмаҳои ҳарфиро бо аломатҳои формулаҳои математикӣ вобаста намояд ва ғайра. Аз имкониятҳои зербанди мазкур истифода бурда, ҷумлаҳои дар матн зуд-зуд такроршавандаро бо ёрии пайдарпайии ду-се аломат рамзбандӣ намудан ва ҳангоми пахши ин аломатҳо ба таври худкор онҳоро ба ҷумлаи зарурӣ иваз намудан, имконпазир мегардад. Масалан, дар расми зерин тарзи бо ёрии пайдарпайии ҳарфҳои «ти» рамзбандӣ намудани мафҳуми «технологияи иттилоотӣ» нишон дода шудааст. Ҳангоми аз сафҳакалид пай дар пай ворид кардани ҳарфҳои **т** ва **и** ба таври худкор дар мавқеъи ҷойгиршавии курсор ибораи **технологияи иттилоотӣ** пайдо мешавад.






Танзими хосиятҳои нигаҳдории санадҳои намойиширо бо ёрии имкониятҳои банди **Сабткунӣ** (Сохранение) иҷро мекунанд. Бо ёрии ин равзана нигаҳдории интихобҳои намойишҳо, интихобҳои таҳрири худмухтори намойишҳо, интихобҳои якҷоякунии санади намойишҳо ва ғайраро ба танзим овардан мумкин аст. Яке аз интихобҳои муҳими ин банд - муайян намудани ҷузъдонест, ки дар он намойиш пас аз муддати муайяни вақт ба таври худкор сабт карда мешавад. Масалан, корбар метавонад барои ҳифзи маҳсули эҷоди худ бо ёрии зербанди







пас аз ҳар 5 дақиқа сабти худкори санади намойишро дар ҷузъдони муайяншуда ба роҳ монад.

Банди **Забони** равзанаи робитавӣ танзими забонии намошро ба ӯҳда дорад. Аз имкониятҳои ин банд истифода бурда забони таҳрири санади намойиш, забони маълумотнома, забони интерфейси барнома ва ғайраро интихоб ё муқаррар кардан мумкин аст. Ҳамчунин тавассути ин банд аз абарпайвандҳои Microsoft истифода бурда, забонҳои дигарро ба барнома илова ё аз он ҳазф намудан мумкин аст.




Яке аз бандҳои муҳими танзими интихобҳои намойишсозӣ дар PowerPoint банди **Иловагӣ** ба шумор меравад. Бо ёрии ин банд хосиятҳои зерини барномаро танзим ва ҷӯр намудан мумкин аст: параметрҳои тасҳеҳкунӣ, нусхагирӣ, буридан, ҷойгузин, сифати тасвир, андозагирӣ, экран, намойиши слайдҳо, чоп, ҳамроҳкунии овоз ва ғайра.




Аслан мақсад аз тайёр намудани намойиш, чопи он дар қоғаз нест. Намойиш барои тамошо дар экрани компютер ё экранҳои калонтар (бо ёрии проектори электронӣ) сохта мешавад. Аммо баъзан зарурати чопи намойиш дар қоғаз низ пеш меояд (ҳамчун хомнавис, маводи тақсимотӣ ва ғайра). Дар ин гуна мавридҳо, барои танзими амалҳои вобаста ба



чопкунии намойиш, дар барномаи PowerPoint аз фармонҳои **Парванда▶ Интихобҳо▶ Иловагӣ ▶Чоп** (Файл▶ Параметры▶Дополнительно▶Печать) истифода мебаранд. Дар натиҷа зербандҳои зерини блоки **Чопро** фаъол ё ғайрифаъол гардонидан мумкин аст:

- **Чопи заминавӣ** (Фоновая печать);
- **Чопи ҳуруфҳои TrueType ҳамчун тасвири графикӣ** (Печатать шрифты TrueType как графику);
- **Чопи объектҳои татбиқшуда бо имкониятҳои ҷории ҳалкунандагии чопгар** (Печатать внедренные объекты с текущим разрешением принтера);
- **Сифати баланд** (Высокое качество);
- **Ҳамрадифсозии тасвирҳои шаффоф бо имкониятҳои ҷории ҳалкунандагии чопгар** (Выравнивать прозрачные рисунки с текущим разрешением принтера).

Якчанд параметри иловагии дигар танзими чопи санади намойишро бевосита ҳангоми раванди чопи он дар чопгар ба ҳисоб мегиранд: истифодаи танзимҳои қаблии чоп, муайянкунии андозаи слайд бо андозаи саҳифаи чопӣ, муайянкунии рангҳои чопии намойиш, чоп кардан ё накардани слайдҳои пинҳон (махфӣ), чорчӯбасозии слайд ва ғайра.




Барои ба чоп баровардани дарунмояи намойиш бошад, мисли таҳриргари матнии MS Word кифоя аст, ки аз комбинатсияи тугмаҳои сафҳакалид (Ctrl+P) ё фармонҳои **Парванда▶Чоп** (Файл▶ Печать) истифода барем. Дар натиҷа дар экрани компютер равзанаи робитавии интихоби чопгар ва хосиятҳои чопи намойиш фаъол мегардад. Бо ёрии ин равзана навъи чопгар, миқдори нусхаҳои чоп, тарзи чоп, ранги чоп ва ғайраро ба танзим овардан мумкин аст.

Вазифаи бандҳои **танзими тасмаи афзорҳо** ва **лавҳаи дастрасии фаврӣ** аз номашон ҳувайдост. Онҳо барои ба тасмаи афзорҳо ҳамроҳ намудани ягон афзори нав ва ё баръакс, аз он ҳазф намудани афзорҳои дар айни ҳол нолозим, пешбинӣ шудаанд. Ба ҳар як корбар имконият дода мешавад, ки равзанаи барнома ва афзорҳои онро барои худ мувофиқ созад. Бо ёрии ин бандҳо корбар инчунин имконият дорад, ки тасмаи афзорҳои хусусии худро эҷод намояд ва дар он афзорҳоеро ҷой диҳад, ки онҳо дар раванди намойишсозии вай бештар мавриди истифода қарор доранд. Тартиби ҷойгиршавии афзорҳоро дар тасма

худи корбар муайян мекунад. Ба маҷмӯъ ва ҳар як афзори хусусӣ низ вай метавонад мувофиқи диди худ номгузорӣ кунад.

☞**Таваҷҷуҳ:** Дар хотир бояд дошт, ки ҳангоми танзими равзанаи барнома иҷрои нодурусти ҳар гуна амалиёт метавонад ба фалаҷ гаштани система оварад. Бинобар он ҳангоми танзимкунӣ эҳтиёткор бошед!





**Саволҳо:**

1. Ба танзим овардани барномаи PowerPoint чӣ маъно дорад?
2. Интихобҳои кории PowerPoint-ро бо ёрии кадом банди меню ба танзим овардан мумкин аст?
3. Равзанаи робитавии интихобҳои PowerPoint аз чанд қисм иборат аст? Кадомҳо?
4. Оё бандҳои интихобҳои PowerPoint-ро номбар карда метавонед?
5. Ҳангоми фаъол будани равзанаи робитавии интихобҳо ҳамчун пешфарз кадом банди он кушода аст? Барои чӣ?
6. Интихобҳои банди умумии PowerPoint барои иҷрои кадом вазифаҳо пешбинӣ шудаанд?
7. Зербандҳои банди имлосанҷи равзанаи робитавии интихобҳо барои танзими кадом интихобҳо хизмат мерасонанд?
8. Худбадалкунӣ чӣ гуна амал аст? Худтасҳеҳкунӣ чӣ?
9. Роҳи бо ёрии пайдарпайии якчанд аломат рамзбандӣ намудани ибораю ҷумлаҳо кадом аст?
10. Чӣ тавр хосиятҳои нигаҳдории санадҳои намойиширо ба танзим овардан мумкин аст?
11. Вазифаи банди забони равзанаи робитавӣ аз чӣ иборат аст?
12. Методи забонҳои иловагиро ба барнома ҳамроҳ ё аз он ҳазф намудан кадом аст?
13. Тавассути банди иловагии барнома кадом хосиятҳои равзанаро танзим кардан мумкин аст?
14. Барои интихоби навъи чопгар, муайян кардани миқдори нусхаҳои чоп, тарзи чоп, ранги чоп ва дигар амалҳои вобаста ба чопи санади намойиш истифодаи кадом банди барнома беҳтар аст?
15. Оё вазифаи бандҳои танзими тасмаи афзорҳо ва лавҳаи дастрасии фавриро медонед?
16. Чӣ тавр корбар метавонад тасмаи афзорҳои хусусии худро созад?

**Супориш:**

1. Матни мавзӯъро бодиққат хонед ва онро нақл кунед.
2. Равзанаи робитавии интихобҳоро кушоед ва аз бандҳои он бо навбат

истифода бурда, вазифаҳояшонро омӯзед.

3. Оид ба тарзи танзими равзанаи PowerPoint нақли хаттӣ нависед.
4. Тарзи ҷойгиршавии афзорҳоро дар намунаҳои тасмаҳои афзорҳо омӯзед ва барои худ тасмаи хусусии афзорҳое созед, ки дорои 15 афзор бошад. Ба афзорҳои тасма номҳои тоҷикӣ гузоред.